# ТАҶРИБАИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПЕШГИРӢ ВА МУБОРИЗА БО ХАТАРҲОИ МУОСИР

**Терроризм имрӯз ба яке аз хатарҳои ҷиддии амнияти байналмилалӣ табдил ёфтааст, ки на танҳо кишварҳои абарқудрат, балки давлатҳои рӯ ба рушдро низ таҳти таъсири манфӣ қарор медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯзҳои бисёр душворро паси сар кардааст, зарурати таъмини амният, ҳифзи суботи сиёсӣ ва пойдории давлатдории миллиро хеле хуб дарк намуд. Аз ин рӯ, кишвари мо тайи солҳои истиқлол ба мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ ва дигар зуҳуроти хавфнок таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда, барои пешгирии густариши ин падидаи номатлуб қонунгузорӣ ва тадбирҳои амалӣ роҳандозӣ намудааст.**

Дар моддаи 179-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 21 майи соли 1998 қабул шудааст, чунин омадааст: «… содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпарронӣ аз яроқи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба амвол ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо…» ҳамчун терроризм ҳисобида мешавад.

Мафҳуми «терроризм» ва «террорист» дар охири асри XVIII пайдо гардида, минбаъд ин мафҳум доираи васеъ касб намуд ва ҷиҳатҳои гуногуни зӯрӣ, фишор ва амалҳои харобкориро дар бар гирифт.

Зарурати мубориза бо терроризмро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар ба таври ҷиддӣ арзёбӣ намуда, барои пешгирии он як силсила тадбирҳои муҳим роҳандозӣ карданд. Аз ҷумла, аз минбари созмонҳои байналмилалӣ, хусусан Созмони Милали Муттаҳид, Тоҷикистон ҳамеша зарурати ҳамкории маҷмуӣ ва ҳамоҳангшудаи ҷомеаи ҷаҳониро таъкид намудааст: «Дар ин росто муборизаи муштаракро барои пурра барҳам задани терроризм тавассути истифодаи тамоми тадбирҳои дорои хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва гуманитарӣ тақвият бахшидан зарур аст. Мо ҳарчи зудтар ҳамоҳанг намудан ва қабул кардани муоҳидаи фарогирро дар бораи мубориза бо терроризми байналмилалӣ иқдоми муҳим мешуморем».

Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон террорист миллату мазҳаб надорад ва ҳеҷ гоҳ наметавонад объекти васф бошад. Терроризм бояд ҳамеша қатъиян маҳкум карда шавад. Пешвои миллат ҷомеаи ҷаҳонро ба сулҳ, оштӣ, гуфтугӯи тамаддунҳо ва тарбияи ҷомеа дар рӯҳияи илму маърифат даъват намуда, таъкид мекунанд, ки танҳо бо донишу таҳаммулпазирӣ метавон ҷаҳони бидуни зӯроварӣ ва террорро бунёд намуд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва мураккаб гардидани муносибатҳои байналмилалӣ масъалаҳои ҳифзи симои миллию мазҳабӣ, пос доштани

арзишҳои маънавӣ, боло бурдани сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ аз синни томактабӣ то ҷавонон аҳаммияти хосса доранд.

Ба қадри неъматҳои миллатсоз - истиқлолият ва давлатдории миллӣ расидан, дарк кардани арзишҳои олӣ ва ҳифзи онҳо на танҳо қарз, балки масъулияти муқаддаси ҳар фарди ватандӯст аст. Ин ҳамчунин талоши пайваста барои худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волои миллӣ мебошад.

Мо, кормандони соҳаи маориф, омӯзгорон, мураббиён ва ҷомеаи кишвар бояд дар шароити ҷаҳонишавӣ масъулияти бештар эҳсос карда, истиқлолиятро на бо шиору сухан, балки бо меҳнати содиқона ва созанда таҳким бахшем. Дар таълиму тарбияи кӯдакон, наврасон ва ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, хештаншиносӣ ва саҳмгузорӣ дар корҳои созандагиву ободкорӣ бояд пешсаф бошем.

Ҳар фарди кишвар, аз ҷумла, ҷавонони мо, бояд сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва истиқлолияти Ватанро аз самими дил қадр карда, ба арзишҳои давлатӣ арҷ гузоранд. Бо боварӣ гуфта метавонем, ки ҷавонони боғайрату ҷасури тоҷик бо иродаи қавӣ барои пешгирии роҳ ёфтани терроризм ва ифротгароӣ бо тамоми роҳҳои маънавӣ ва амалӣ мубориза хоҳанд бурд.

Ҷавонони тоҷик, ки қишри ояндасоз ва сармояи тиллоии миллатанд, ҳеҷ гоҳ фирефтаи гурӯҳҳои чандиннафра ва иғвоангези ифротӣ нахоҳанд шуд. Мардуми бонангу номуси тоҷик терроризм ва ифротгароиро дар ҳама шаклҳояш маҳкум менамояд.

Ҳар як фарди худогоҳ ва ватандӯст бояд дар ҳифзи якпорчагии кишвар, ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ ва истиқлолияти давлатӣ ҳиссагузор бошад. Моро зарур аст, ки Ваҳдати миллиро пос дошта, ҷавонони ватандӯстро ба тарзи шоиста тарбия намоем, то ин неъмати бебаҳо барои наслҳои оянда ҳифз гардад.

Барои пешгирии амалҳои террористӣ ва ифротгароӣ як қатор чораҳо андешида шудаанд:

- корҳои таблиғотии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба муқовимат бо терроризм ва экстремизм;
- ошкорсозии дурусти ҷиноятҳои вобаста ба экстремизми динӣ;
- ташкили тренингҳо, конфронсҳо, семинарҳо ва мизҳои мудаввар миёни ҷавонон оид ба хавфу хатарҳои ин гурӯҳҳо;
- таҳияи таҳқиқоти илмӣ, мавод ва барномаҳо дар телевизиону радио оид ба мубориза бо экстремизм ва терроризм;
- гузарондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин самт;
- омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи давлатҳое, ки аз амалҳои террористӣ ба рӯзҳои сахт ва фоҷиа гирифтор шудаанд.

Ҳамин тавр, мубориза бо терроризм кори якрӯза набуда, раванди ҳамешагӣ, ҳамгиро ва бисёрсамтааст, ки аз ҳар як шаҳрванд масъулият, эҳтиёткорӣ ва саводи баланд талаб мекунад. Имрӯз вазифаи ҳар фарди ватандӯст, новобаста аз касбу шуғл, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пуштибонии ваҳдати миллӣ ва пешгирӣ аз ҳар гуна фикру амалҳои ифротгароёна мебошад. Танҳо дар сурати ҳамкории зичи ҳамаи сохторҳои

давлатӣ ва такя ба неруи созандаи ҷомеа мо метавонем кишвари азизамонро аз ҳама гуна таҳдиду хатарҳо ҳифз намоем.

**Мудири китобхона,**
**З. ЛУТФУЛЛОЕВА**